**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел.: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 143/ю

аз «02» 10 соли 2024

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи «Тартиби муайян намудани коршоямии пулҳои коғазӣ ва тангаҳои Бонки миллии Тоҷикистон» ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ лоиҳаи болозикр ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ гардидааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод шудааст, хулосаи зерин манзур карда мешавад:

1) тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби таҳиякунанда - Бонки миллии Тоҷикистон риоя гардидааст;

2) дар бандҳои 1 ва 2 лоиҳаи болозикр уҳдадорӣ барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидааст;

3) дар лоиҳа маҳдудиятҳо барои ташкилотҳои болозикр пешбинӣ нагардидааст;

4) дар лоиҳа масрафҳои беасос аз низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мушоҳида намегардад;

5) роҳи интихобшуда барои ҳалли мушкилот асоснок буда, лоиҳа барои беҳтар намудани сифати тозагии пули нақд дар муомилот ва аз муомилот гирифтани пулҳои фарсуда мусоидат менамояд.

Директор Саидзода И.Ҳ